# ТАҚРИЗИ МУКАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ' барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Кӯлоб, 2026. – 370 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Низоми таълиму тарбия ва пажуҳиши роҳу усулҳои навини инноватсионӣ баҳри боло бурдани сифати парвариши атфол кӯмак мерасонад. Мушкилоти таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамаи марҳилаҳои таърихию иҷтимоии рушди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи низоми маорифи кишвар ва олимони соҳаи педагогика қарор дошта, чи дар осори илмию бадеӣ ва чи дар мероси педагогикаи мардумӣ арзишҳои миллии бо мурури солҳо сайқаёфта нақши бориз доранд. Дар ин росто таҳқиқоти педагогии солҳои ахир дар хазинаи педагогикаи Шарқ дастовардҳои арзишмандест.

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 - Антропологияи педагогӣ низомҳои педагогӣ /шароит/ рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот), банди 5 - Назария ва консепсияи тарбия (шароити иҷтимоию фарҳангии тарбия; қонуниятҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногудш ба воя расидан; асосҳои арзишии бунёди раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия) мутобиқат мекунад.

Тадқиқоти диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна, ки дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” пешниҳод гардидааст, ба яке аз самтҳои муҳимми тадқиқоти бунёдии педагогӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Диссертант мубрамӣ ва муҳиммияти таҳқиқоти хешро дар омилҳои зайл медонад:

- кофӣ ва ба талаботи низоми таълиму тарбияи муосир ҷавобгӯ

набудани ҷанбаҳои назарӣ ва методологии истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик дар тимсоли хислатҳои хуҷаста: ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни машғулиятҳо дар зинаи нахустини таҳсил;

- арҷ гузоштан ва гиромӣ доштану бомаврид истифода бурдани мероси фарҳангии ниёгон вобаста ба синну сол ва дарку фаҳмиши шогирдони хурдсол дар давраи истиқлолият;

- муҳимму мубрам будани ғояҳои судманду ибратбахши мероси фарҳангии мутафаккирон баҳри эҳё намудани хислатҳои инсондӯстӣ, тараҳҳум ва таҳаммулпазирӣ дар замири шогирдони хурдсол;

- зимни ҳар як машғулият ва ҳар як мавзуъ истифода қарор додани арзишҳои миллӣ ва суннатҳои мардумӣ.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсияи бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дорои навгонии баланди илмӣ мебошад.

Аз ҳаллу фасли диссертатсия чунин навгониҳои илмии зерини пажуҳиш бармеояд:

- масоили ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидой дар арзишҳои миллии халқи тоҷик инъикос гардад;

- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои "ватандӯстӣ", сулҳдӯстӣ' ва " таҳаммулпазирӣ" таҳия карда шудаанд;

- мавриди истифода қарор додани роҳу усулҳои навини инноватсионӣ дар ҳаллу фасли мавзуи тадқиқот ва манбаъҳои ёрирасон.

Хулоса ва натиҷаҳои муҳаққиқ ва пажуҳиш тариқи зайл мебошанд:

- тадқиқот собит намуд: бар замми он ки ба хонандагон хислатҳои ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ мавриди таълиму тадрис қарор дорад, бо вуҷуди он кофӣ ва басанда набуда, такмили он дар машқулиятҳои беруназсинфӣ тақвият дода шавад;

- омӯзгорон бояд дар бораи сифатҳои ахлоқии хонандагон ва муносибати онҳо ба ҳаёт тасаввурот дошта бошанд. Муҳаққиқ лозим медонад, ки омодагии хуби омӯзгорон барои истифодаи шаклҳо ва методҳои тарбияи муносибати нек ба ватандустӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ муҳим аст,

- тавассути вазифагузориҳои тарбиявӣ муносибати мусбатро ба ин сифатҳо тарбия намудан мумкин аст ва онҳоро дар раванди тарбияи калидӣ ҳисоб кардан лозим аст. Вижагиҳои синнусолии хонандагон ба тарбияи бомуваффақият мусоидат мекунад;

- тарбияи ватандустӣ, сулҳпарварй ва таҳаммулпазирӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бидуни роҳбарии омӯзгор ва ҷалби волидон ғайриимкон аст;

- қонуниятҳои педагогӣ ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Минҷумла, дар тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ асарҳои классикони адабиёти тоҷик, адабиёти шифоҳӣ ва анъанаҳои халқӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо ба тарбияи ҳуввияти умумифарҳангӣ ва этникӣ мусоидат мекунанд;

- ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ масъалаи пешбари сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;

- дар кишвар стандартҳои нави таҳсилот ҷорӣ шуда, масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ муҳим мегардад. Тадкикот дар мактабҳои ш. Душанбе ва Кулоб собит намуд, ки хонандагони синфҳои ибтидой асосҳои таҷрибаи илмӣ, ахлоқӣ ва ғайраро аз худ мекунад;

- ташкил ва гузаронидани дарс- бозиҳо ва корҳои мустакилонаи хонандагон низоми таълимро фаро мегирад, ки сифатҳои ахлоқӣ ва кобилиятҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоиро рушд медиҳад.

- омӯзиши ҳаматарафаи анъанаҳои халқи тоҷик ҳамчун мероси эҷодии мутафаккирони бузург, эҷодиёти мардумӣ ва ғояҳои педагогикаи халқӣ имкон медиҳад, ки вижагии фардӣ ва мавкеъҳои хонандагони хурдсол, ки дар навбати худ, ба равандҳои таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мерасонанд, тариқи мусбат арзёби намояд;

- мероси эҷодӣ, ғояҳои педагогии мутафаккирони бузург ва эҷодиёти шифоҳии халқ барои раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мавриди таваҷҷуҳ ва рағбати калон қарор доранд. Мероси эҷодии халқи тоҷик барои тарбияи хонандагон дар руҳияи хислатҳои номбаршуда кӯмаки бузург мерасонад.

- проблемаи тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагон дар сурати рущтди ҳамзамони қобилиятҳои маърифатии онҳо, густариш ва корбурди он дар фаъолияти амалӣ дар раванди таҳсилот аз аҳамияти вижа бархурдор аст;

- тарбия ва рушди муносибати мусбати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бояд дар тамоми раванди таълим идома дошта бошад, дар ин ҳол омили ҳавасмандкунандаи он бояд фаъолияти бозӣ, ки ба таври мавзун на танҳо бо кори таълим дар мактаб, балки дар кори беруназсинфӣ иртибот дошта бошад;

- дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба омӯзгорон зарур аст, ки тасаввуроти худро дар бораи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, ахлоқ, эҳсоси ифтихори миллӣ зоҳир намуда, дар бораи дӯстии халқҳо,

эҳтироми волидон ва муҳаббат ба Ватан, бо ҳокимияти мавҷудаи кишвар сухан гӯяд. Омӯзгор бояд, ҳамчунин мавқеи худро, возеҳан дар бораи далелҳои манфии ҳаёти мо иброз намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияхои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқикот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, довталаб таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Эътимоднокии нуктаҳои дар таҳқикот пешниҳодгардида тариқи зайл аст:

-бо равишҳои назарӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофикат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқикот;

- раванди таълим ва тарбияи синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик;

- дар асоси тачриба, мушоҳида ва озмунҳо, васоити дигари санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст ноил гардидан ба таълиму тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳдустӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- ба инобат гирифтани дараҷаи дарку фаҳмиши ҳар як хонанда, ки фаъолиятнокӣ ва рағбати онҳоро ба таълиму тарбия афзун менамояд, зимни таълими фунуни инсоншиносӣ басо муҳим ва муфид аст;

- дар раванди таълим ва тадриси фунуни инсоншиносӣ, бахусус, зинаҳои ибтидоии таълим, ба инобат гирифтани хусусиятҳои педагогӣ ва равонии атфол муҳим мебошад;

- лозим меояд, дар синфҳои ибтидоӣ консепсия оид ба тарбияи арзишҳои ахлоқии хонандагон таҳия ва татбик шавад, ки масоили зерин матраҳ ва ҳаллу фасл гардад:

А). Рушди шуури ахлоқии фарҳанги воло ва рафтори шоистаи шогирдон зурурати риояи коидаҳои фарҳанги нутқ ва пазируфтани ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, арҷгузорӣ нисбат ба таъриху фарҳанги гузашта ва имрӯзаи халқи хешу эҳсоскунандаи ҳисси ифтихори миллӣ.

Б). Падид овардани фазои умумимактабии меҳру муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ёрии ҳамдигарӣ;

В). Дар ниҳоди атфол парваридани сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни арзишҳои суннатии мардумӣ, чун зарурати таҳсилоти бефосила барои ашхос.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои дар диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» бадастомада эътимоднок, дуруст ва ба таври кофӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогика ва илми кишвар хидмат кунанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои муҳим ва мубрамро дар самти ташаккули арзишҳои миллии насли наврас ва ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии баррасӣ мекунад.

Диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар ҳаҷми 370 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

Боби якум «Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад.

Боби дуюм ки «Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик» ном дорад. Боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум «Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ» номгузорӣ гардидааст.

Зербоби дуюм ба таҳлили «Аҳаммияти ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ» бахшида шудааст.

Дар зербоби сеюм сухан дар бораи таъсири тарбияи дастаҷамъӣ дар тарбияи мафҳумҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ меравад.

Боби сеюми диссертатсия ба корҳои истифодаи усулҳо ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик бахшида шудааст.

Боби чорум «Ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши ташкилнамудаи муаллиф хеле арзишманд аст. Муаллифи диссертатсия қисми озмоишии таҳқиқотро бо диаграмма ва ҷадвалҳо ғанӣ гардонидааст, ки бисёр аҳаммиятнок буда, натиҷаи корҳои озмоиширо ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса аз 16 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар таълиму тарбияи насли ояндасоз саҳми арзишманд мегузорад.

Дар замони ҳозира ва ҳаёти оянда, ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод намояд.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, бахусус, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ-тарбиявӣ ва маводҳои таълимӣ истифода шаванд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон ва ҷомеа мусоидат намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Диссертант роҷеъ ба мавзуи матраҳгардида ва натиҷаҳои таҳқиқот шаш монография ва 26 номгӯйи мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро собит менамояд, ба нашр расонидааст.

Ин шумораи назаррраси нашрияҳо саҳми арзишманди муаллифро дар густариши дониши илмӣ дар мавзуи диссертатсия таъкид мекунад.

Нашрияҳои мазкур дорои мазмуни мукаммал, таҳлили амиқи илмӣ ва тавсияҳои амалӣ буда, татбиқшавии натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти назариявию амалӣ таъмин менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар радифи комёбиҳо ва дастовардҳои илмӣ диссертатсия аз норасоиҳо низ орӣ нест. Дар зер баъзе нуқсонҳои он зикр мегардад:

1. Пеш аз ҳама мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати дарку фаҳмиш ва хусусияти психологӣ ба синфҳои ибтидоӣ он қадар рабт надорад. Масалан, таҳаммулпазирӣ ва сулҳпарварӣ, ки ба насли синнусолан комилтар мутааллиқ аст.

2. Ба андешаи диссертант, гӯиё оид ба ҷанбаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон то ин муддат тадқиқоте ба миён наомадааст. Дар ин боб чандин диссертатсияҳо чи ба забони русӣ, чи ба забони тоҷикӣ ҳимоя гардидаанд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро коста нахоҳад кард. Арзиши илмӣ, методӣ ва сатҳи пажуҳишии рисолаи таҳқиқотии анҷомпазируфта арзанда буда, муҳиммият ва судмандии мавзуъ, навгониҳо, дастовардҳо ва дастуру пешниҳодҳои онро собит хоҳад кард. Диссертатсия бо автореферат қиёс гардида, мутобиқату мувофиқатии он собит гардид.

Ба андешаи мо, диссертатсияи доктории Қаюмова Ҳурилико Тағайевна дар мавзуи "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" дар сифати

таълиму тадриси шогирдон ва боло бурдани низоми таълиму тарбия саҳми бориз дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Иззатова Муҳаббат Иноятовна

« 13 » июли соли 2026.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
А. Мусо, 35,
тел.: (+992) 918 26 35 35

Имзои Иззатова М.И.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
С. Сафаров 16,
тел.: (+992 3322) 2-35-06
Суроғаи электронӣ: info@kgu.tj

« 13 » июли соли 2026